ОИННОМАИ
ПАРКИ ТЕХНОЛОГИИ
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

**Душанбе -2019**

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ ДДТТ
ба номи Абӯалӣ ибни Сино,
д.и.т., профессор
____________ Гулзода М.Қ.
«___»________ соли 2019

# Оинномаи
## парки технологии
## Муассисаи давлатии таълимии
## “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон”
## ба номи Абӯалӣ ибни Сино

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Оинномаи мазкур дар асоси талаботҳои Констутутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи парки технологӣ”, “Дар бораи маориф”, «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» «Оиннома» - и донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст

1.2. Номи пурраи парки технологии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино:

-ба забони тоҷикӣ: Парки технологии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;

-ба забони русӣ: Технологический Парк Таджикского государственного медицинского униниверситета им. Абуали ибни Сино;

- ба забони англисӣ: Technological park of the Avicenna Tajik State Medical University

Минбаъд дар матн Парки технологӣ номида мешавад.

1.3. Муассиси Парки технологӣ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино мебошад.

1.4. Парки технологӣ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расонидааст, Оиннома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастури амал қарор медиҳад.

1.5. Парки технологи фаъолияти худро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад.

1.6. Парки технологи ҳуқуқ дорад, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳо ва намояндагиҳо таъсис диҳад.

1.7. Суроғаи хуқуқии мақомоти роҳбарикунандаи доимо амалкунандаи Парки технологи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ҳиёбони Рӯдакӣ 139.

1.8. Парки технологи аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ баҳисоб рафта, дорои амволи махсус, балански мустақил буда, ҳуқуқ дорад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсӣ ба даст орад, уҳдадор бошад, шартномаҳо ба имзо расонад, дар суд ба сифати даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд, дар муассисаҳои бонкӣ ҳисоби пардохтӣ ва дигар ҳисобҳо, аз он ҷумла ҳисоби асъорӣ дошта бошад, мӯҳри мудаввар бо номи худ, мӯҳрҳо, нишон, бланкҳо, рамзҳо ва дигар реквизитҳое, ки тибқи тартиби муқарраргардида тасдиқ карда мешаванд, дошта бошад.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ:

2.1. Мақсадҳои асосии Парки технологи инҳоянд:

- амали намудани фаъолияти илми-тадқиқотӣ дар соҳаи технологияи муосир,
- мусоидат намудан ба пешрафти технологияи муосир ва омӯзишӣ,
- татбиқи стандартҳои байналмилалӣ оид ба омӯзиш, илм ва технология,
- мусоидат дар бунёди усулҳои навин ва муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.2. Вазифаҳои асосии Парки технологи инҳоянд:

- мусоидат намудан ба раванди воридоти технологияҳои муосир ва пайдо намудани усулҳои навгонии иқтисодӣ;
- мусоидат намудан дар татбиқи таҳқиқоти бунёдӣ, амалӣ дар истеҳсолот, ҷорӣ кардани таҳияҳои кормандону донишҷӯён ва унвонҷӯён ба корҳои истеҳсолӣ;
- мусоидат намудан дар таъмини дастрасӣ ба навгониҳои муосир дар замони омӯзиш ва тарбия;
- баланд бардоштани сатҳи саводнокии донишҷӯён, унвонҷӯён ва ҳайяти профессорону устодон дар соҳаи технологияи муосир.

2.3. Барои ноил гардидан ба мақсад ва вазифаҳои Оинномавӣ Парки технологи метавонад фаъолияти зеринро анҷом диҳад:

- равона кардани нерӯи илмии устодон, ходимони илмӣ барои ҳалли масъалаҳои муҳими соҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ маводҳо ба талаботи муосир мувофиқ буда;

- ҷалб намудани коршиносони (экспертҳои) мустақил, олимон-тадқиқгарон, ходимони ҷамъиятӣ бо мақсади андешидани тадбирҳои оиди омӯзиш ва истифодаи технологияҳои пешкадам;

- таъсис додани марказҳои омӯзондан ба усулҳои тиҷоратӣ (бизнес-инкубатор) барои донишҷӯён, унвонҷӯён ва ҳайяти профессорону омӯзгорон;

- ҳавасмандгардони қобилияти зеҳнӣ баҳри таҳия ва ҷорӣ намудани технологияи муосир дар истеҳсолоту омӯзиш;

- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир;

- доир намудани конференсия, конгрессҳо, симпозиумҳо, семинарҳо ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ ва иштирок дар онҳо;

- ба сафарҳои хизматӣ фиристодани мутахассисон ва кормандони Парки технологи барои таҳсил намудан ва мубодилаи таҷриба гирифтан дар соҳаҳои истеҳсолӣ, технологияи муосир ва омӯзиш;

- хариддори намудани ҳуқуқҳои зеҳнӣ (авторские права) ба намудҳои истеҳсолӣ, барномавӣ ва технологӣ (ноу-хау) аз манбаъҳои дорои онҳо ва новобаста аз шакли моликият;

- гузаронидани амалиёти сохмонӣ, хариду фурӯш, илмию тадқиқотӣ барои васеъ намудани мақсадҳои хос;

- тартиб намудани хадамоти навбатӣ (сервисное обслуживание), хадамоти паси фурӯшӣ (постсервисное обслуживание) ва марказҳои гузаронидани онҳо бо хусусияти фурӯшии маҳсулоти Парки технологи;

- ҷалб намудани донишҷӯёну унвонҷӯён ва профессорону омӯзгорон барои ҳамгиронии илму истеҳсолот, реклама, корҳои чопӣ ва маркетинг;

- гирифтани ҳама гуна иттилоот, ба истиснои маълумотҳои дорои сирри давлатӣ  аз ҳама гуна манбаъҳои аз шакли моликият новобаста;

- ба роҳ мондани муносибатҳои шартномавӣ бо дигар шахсони ҳуқуқӣ, давлатӣ ва ғайра, инчунин анҷом додани дигар амалҳое, ки ба мақсадҳои Оинномавии фаъолият, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазифаҳои асосии Парки технологи мутобиқат мекунанд.

2.4. Барои амалӣ намудани мақсадҳои Оинномавӣ Парки технологи ҳуқуқ дорад:

- дар муассисаҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобҳои пардохтӣ ва дигар суратҳисобҳо кушояд;
- озодона дар бораи фаъолияти худ иттилоот интишор намудан;
- ба иттиҳодҳо ва ассотсиатсияҳои иттиҳодияҳои истеҳсолӣ шомил шудан;
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ ва илму омӯзиш машғул шудан.

2.5. Парки технологи ӯҳдадор аст:

- фаъолияти худро мутобиқи мақсад ва вазифаҳои пешбининамудаи ин Оинннома анҷом диҳад;
- Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалӣ ба тасвиб расонидаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;
- ҳисоботи оморӣ ва муҳосибавиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурд намояд;

## 3. ҚАБУЛ КАРДАН БА ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ:

3.1. Қабул кардани кормандон барои кор дар Парки технологӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилидонишгоҳӣ ба роҳ монда мешавад.

## 4. МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ:

4.1. Амалӣ намудани функсияҳои идоракунӣ ва назорати фаъолияти Парки технологӣ аз ҷониби мақомоти зерин таъмин карда мешавад:

- Мақомоти олӣ – Шӯрои машваратии Парки технологӣ;
- Мақомоти иҷроия – Директор, ки аз ҷониби муассис таъин карда мешавад;
- Мақомоти назоратӣ – Комиссияи назоратии тафтишотӣ.

4.2. Мақомоти олии идоракунии Парки технологӣ Шӯрои машваратии Парки технологӣ мебошад. Сардори Шӯрои машваратӣ Ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино мебошад. Директори Парки технологӣ ҳамчунин аъзои Шӯрои машваратӣ бо вазифаи муовини сардори Шӯро муқаррар мешавад. Намояндаи гумрук, андоз, Вазорати маориф, Ҳукумати шаҳр ва дигар хадамотҳои давлатӣ ба Шӯрои машваратӣ ҳамчунин бо пешниҳоди сардорӣ машваратӣ муқаррар

мешаванд. Шӯрои машваратии Парки технологи аз ҷониби сардори Шӯро ё Директор на камтар аз як маротиба дар як сол даъват карда мешавад. Маҷлисҳои Шӯрои машваратии ғайринавбатӣ метавонанд бо салоҳдиди худи сардори Шӯрои машварати Парки технологи ё бо дархости Директори Парки технологи даъват карда шаванд.

Ба салоҳияти истисноии Шӯрои машваратӣ инҳо марбутанд:

- ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи Парки технологӣ;
- муайян намудани мӯҳтаво ва мақсадҳои фаъолият дар Оинннома, инчунин муайян намудани таъиноти Парки технологӣ;
- интихоб ва бозхонди  Комиссияи назоратии тафтишотӣ;
- аз вазифа озод кардани Директори Парки технологӣ;
- тасдиқи нақшаҳои дурнамои фаъолияти Парки технологӣ;
- тасдиқ намудани лоиҳаҳои техникӣ;
- тартиби аз навташкилдихӣ ва бархамдихии Парки технологӣ;
- таъин намудани комиссияи барҳамдиҳӣ, тасдиқи баланси барҳамдиҳӣ.

Сардори Шӯрои машваратии Парки технологӣ ҳуқуқ дорад ҳалли ҳама гуна масъаларо ба уҳдаи худ гирад, агар ин масъала ба салоҳияти истисноии дигар мақомоти вогузор нашуда бошад.

4.3. Мақомоти иҷроияи Парки технологӣ Директори Парки технологӣ мебошад, ки аз ҷониби муассис ба вазифа таъин ва озод карда мешавад.

Мӯҳлати ваколатҳои директори Парки технологӣ маҳдуд карда намешавад. Директори Парки технологӣ ба Шӯрои машваратии Парки технологӣ на камтар аз як маротиба дар як сол ҳисобот медиҳад. Директори Парки технологӣ иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратиро таъмин менамоянд. Директор ҳақ дорад бе ваколатнома дар доираи ваколатҳои ба ӯ додашуда ҳама амалҳоро аз номи Парки технологӣ анҷом диҳад: манфиатҳои онро намояндагӣ кунад, амволи Парки технологиро бо қарори Шӯрои машваратӣ ихтиёрдорӣ намояд, дар бонкҳо суратҳисобҳо кушояд, аз ҷумла суратҳисобҳои асъорӣ, фармоишҳои иҷрояшон ҳатмибударо интишор намояд, ҳайати штатии Парки технологиро ташаккул диҳад ва дигар амалҳоеро, ки хилофи қонунгузории амалкунанда намебошанд, иҷро намояд.

Парки технологӣ ҳуқуқ дорад расми хос (логотип), шакли ҳуҷҷатҳои хос ва дигар рамзҳои шиносоӣ тартиб диҳад.

Дар вақти набудани Директор функсияҳои Директорро муовини Директор иҷро мекунад.

## 4. 5. Вохидхои сохторӣ

4.4.1.Воҳидҳои сохтории Парки технологӣ дар сохтори Парк, ки дар шакли ҷадвал таҳия карда шудааст, иникос ёфтаанд. Бо пешниҳоди Директори он дар асоси қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ ба сохтори Парки технологӣ тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.

4.4.2.Парки технологӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои худ ва иҷро накардани вазифаҳои гузошташуда дар тамоми соҳаҳое, ки фаъолияташ дар бар мегирад ба воситаи сохтори Парки технологӣ, гуруҳҳои муваққатӣ ё соатбайъ ё дигар намуди фаъолият барпо менамояд.

## 5. МОЛИКИЯТИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГИ

5.1. Моли Парки технологиро инҳо ташкил медиҳанд: фондҳои асосӣ, маблағҳои гардон, инчунин дигар маблағҳои молиявие, ки дар баланси муҳосибавии Парки технологӣ инъикос карда мешаванд.

5.2. Манбаъҳои ташаккули амволи Парки технологӣ инҳоянд:

- воридот аз фаъолияти даромадноке, ки мутобиқи мақсадҳои Оинномавии Парки технологӣ ва қонунгузории амалкунанда анҷом дода мешавад;
- пардохтҳои ихтиёрии пулӣ ва саҳмияҳои дигар, хайрияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии ҷумҳурӣ аз он ҷумла аз ҷониби муассис, инчунин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии кишварҳои хориҷӣ барои татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои Парки технологӣ;
- манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

5.3. Даромадҳои аз фаъолияти истеҳсолию хоҷагии Парки технологӣ бадастомада барои ноил шудан ба мақсадҳои Оинномавии Парки технологӣ истифода мегарданд.

5.4. Маблағҳои Парки технологӣ барои инҳо истифода мешаванд:

- иҷрои мақсадҳои Оинномавии Парки технологӣ;
- пардохти музди меҳнати кормандони Парки тенологӣ;
- харидории амволи барои фаъолияти Парки технологӣ зарурбуда;
- мақсадҳои хайрия, ҳатто агар ин дар Оинномаи Парки технологӣ зикр нагардида бошад ҳам;
- пардохт намудани ҳаққи муассис;
- хароҷоти дигари барои фаъолияти Парки технологӣ зарурбуда, ки хилофи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд.

## 6. КОМИССИЯИ НАЗОРАТИИ ТАФТИШОТӢ

6.1. Тафтишоти фаъолияти молиявӣ ва хоҷагии Парки технологиро Комиссияи назоратии тафтишотӣ, ки Шӯрои машваратии Парки технологӣ интихоб менамояд, анҷом медиҳад.

6.2. Шумораи аъзоёни Комиссияи назоратии тафтишотӣ ва мӯҳлати ваколатҳои онҳоро Сардори Шӯрои машваратӣ муқаррар менамояд. Директор, сармуҳосиб ва муовини директор аъзои Комиссия буда наметавонанд.

6.3. Комиссияи назоратии тафтишотӣ тафтишоти ҳарсолаи нақшавиро мегузаронад ва дар назди Шӯрои машваратӣ ҳисобот медиҳад. Бо қарори Шӯрои машваратии Парки технологӣ метавонанд тафтишот ва санҷишоти ғайринақшавӣ гузаронида шаванд.

6.4. Ҳама шахсони мансабдори Парки технологӣ вазифадоранд бо дархости Комисияи назоратии тафтишотӣ иттилоот ва ҳуҷҷатҳои зарурриро пешниҳод кунанд.

## 7. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИВИЮ ХОҶАГӢ

7.1. Бо мақсади ҷамъ намудани захираҳои молиявӣ, рушди заминаи моддию техникӣ, барои амалӣ намудани фаъолияти Оинномавӣ, Парки технологӣ ҳуқуқ дорад:

- фаъолияти даромаднок анҷом диҳад, шартномаҳо бандад, аз он ҷумла шартномаҳои меҳнатӣ, ҳама гуна дигар муомилотеро, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, анҷом диҳад ва даромад ба даст оварад;
- воҳидҳои сохторӣ: ҳайяти маъмурӣ, гурӯҳҳои мувақатӣ, марказҳои хадамотӣ ва дигар намудҳои сохторӣ, ки барои амалӣ намудани фаъолияти Оинномавии он заруранд, таъсис диҳад;
- тибқи тартиби муқарраргардида иморатҳо, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигар амволро хариддори намояд, ба иҷора гирад ва дар мувофиқа бо муассис ба иҷора диҳад;
- ҳама гуна муомилотеро, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад, анҷом диҳад, шартномаҳо бандад, ба зиммаи худ ӯҳдадориҳо гирад, ба шахсони сеюм бовариномаҳо диҳад;
- якҷоя бо шахсони дигар фаъолияти муштарак анҷом диҳад, аз он ҷумла бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ;
- фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ анҷом диҳад;
- фаъолияти дигари хилофи ин Оиннома ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набударо анҷом диҳад.

7.2. Даромадҳои Парки технологӣ танҳо барои ноил гардидан ба мақсадҳои Оинномавӣ сарф карда мешаванд.

7.3. Парки технологӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун барои намудҳои фаъолияте, ки бояд мавриди литсензиякунонии давлатӣ қарор дода шаванд, литсензияҳо (иҷозатномаҳо) мегирад.

7.4. Парки технологӣ ҳуқуқ дорад бидуни мақсадҳои истифодаи тиҷоратӣ аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии Тоҷикистон ва хориҷӣ маблағҳои молиявӣ, амволи манқул, таҷҳизот, моликият ва арзишҳои моддиро бе подош барои амалӣ намудани мақсадҳо ва вазифаҳои Оинномавӣ ҳамчун моликият ё барои истифода гирад.

7.5. Даромадҳои Парки технологӣ, инчунин маблағҳо, амволи манқул, таҷҳизот, моликият ва дигар арзишҳои моддии бадастовардаи Парки технологӣ наметавонанд байни кормандони он, аъзои оилаҳои онҳо тақсим карда шаванд ва ҳамчунин наметавонанд ба манфиати шахсони алоҳида истифода бурда шаванд. Даромадҳо ва маблағҳои зикргардидаи Парки технологӣ танҳо барои фаъолияти Оинномавӣ, татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳо истифода шаванд.

## 8. ТАРТИБИ АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

8.1. Азнавташкилдиҳӣ (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) бо қарори Шӯрои машварати Парки технологӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

8.2. Парки технологӣ метавонад бо қарори Шӯрои машваратии Парки технологӣ, инчунин дар ҳалатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шавад.

8.3. Шӯрои машваратии Парки технологӣ, ки дар бораи барҳамдиҳӣ қарор қабул намудааст, комиссияи барҳамдиҳиро таъин менамояд, мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб ва мӯҳлатҳои барҳамдиҳиро муқаррар мекунад.

8.4. Амволи Парки технологӣ, ки баъди қонеъгардонии талаботи кредиторон боқӣ мондааст, бо қарори мақомоти ваколатдор барои мақсадҳое, ки Оинннома пешбинӣ намудааст, истифода мегардад.

8.5. Қарор дар бораи барҳамдиҳии Парки технологӣ ба мақомоте, ки Парки технологиро ба қайд гирифтааст, барои хориҷ кардани он аз феҳристи ягонаи шахсони ҳуқуқӣ, фиристода мешавад.

# 9. ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА ОИННОМАИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

9.1. Пешниҳодҳо дар мавриди тағйироту иловаҳо ба Оиннома аз ҷониби Шӯрои машваратии Парки технологӣ қабул карда шуда, барои тасдиқ ба Шӯрои олимони донишгоҳ пешниҳод карда мешавад.